МУҲАММАД СУБҲОН

# ҚИССАИ ЛАКЛАКИ САФЕД



Шаҳноза духтарчаҳои дӯстрӯяш Фарангис ва Миҷгонаро пас аз хӯроки шом аз ошхона пешандоз карда, дасту рӯяшонро шусту ба хонаи хобашон бурд. Онҳо рӯи кати хоб дароз кашида, хоҳиш карданд: Модарҷон, ба мо афсона гӯед.

Шаҳноза бо овози нарму дилчасп оҳиста гуфт:

-Азизонам, барои шумо ҳозир афсонаи «Бузаки ҷингилапо»-ро мегӯям. Вай ба нақли афсона сар кард. Фарангис ва Миҷгона чашмонашонро калон-калон кушода,ба афсонаҳои модар гӯш медоранд.

Афсона ҳанӯз ба охир нарасида, аввал чашмони шаҳлои Миҷгона ва баътар чашмони Фарангис оҳиста-оҳиста пӯшида шуданд.

Шаҳноза ҳамин тавр ҳар шаб пеш аз хоб афсона мегуфт. Духтаракон ба шунидани афсонаҳои модар одат карданд. Модар кӯшиш мекард, ки барои онҳо ҳар дафъа афсонаи нав гӯяд. Худи ӯ омӯзгори фанни табиатшиносӣ аст. Афсонаҳояш аксаран аз зисту зиндагии олами набототу ҳайвонот буданд, ки диққати кӯдаконро ба худ ҷалб мекарданд. Вай мехост, ки бачаҳояш бисёртар сиру асрори паррандаҳо ва ҳайвоноти ваҳшӣ: гургу хирс, хуку рӯбоҳ, ҷайраву шағол ва дигар намудҳоро хело хуб донанд. Худи Шаҳноза овони кӯдакӣ аз падари бузургвораш борҳо ҳамин хел афсонаву қиссаҳоро аз олами рангини мавҷудоти зинда шунида ҳаловат бурда буд.

Шояд нақлҳои аҷоибу ғароиби аз падар шунидааш бошад, ки вай ин қадар ба табиати кишвар меҳр баст.

Ҳангоми нақл намудани афсонаи «Бузаки ҷингилапо» гоҳ-гоҳ миҷҷаҳои чашмони хоболуди Шаҳноза ба ҳам мебастанд. Вай рӯзи дароз баҳри омӯзиши паррандаҳо дар дашту даман, талу теппаҳо пиёда мегашт. Омӯзиши паррандагон касби дӯстдоштаи ӯ буд. Шаҳноза ҳар парранда, ки бар буттаву дарахт, лаби сой, рӯи санг, хуллас, ҳар ҷое, ки менишаст, бо тезӣ аз қафои ҳамон парранда медавиду ба он зехн мемонд, то бидонад, ки он паранда аз кадом зот бошад. Аз ин рӯ қариб ҳар рӯзаш дар ин гаштугузор роҳ мегашт. Барқасд пайроҳаи талу теппаҳо он қадар пасту баланд ва ё каҷу килеб буданд, ки одам аз болои он базӯр роҳ мепаймуд. Дурбин дар китфони Шаҳноза овезон ва дар сар кулоҳи хасин дошт, ки чашмони ӯро аз офтоб паноҳ медошт ва дар дасти дигар қалам, ки онҳоро бардошта эҳтиёткорона аз ин пайраҳаи пурпечутоб мегузашт.

Паррандаҳои мавсимӣ, парандаҳои таҳҷой дар ин фасли сол дар табиат омехта шуда, парида мегаштанд. Шаҳноза овози паррандаҳоро шунида, аз кадом намуд будани онҳоро зуд муайян мекард.

Ана ин эзорсурхак, фароштаруки даштӣ, майна, зарғулдор, фотимачумчуқ, калхот, шоҳин, бургут, зоғчаи кӯҳӣ, акка, мурғи ҳилол, санговдавак, думпараст гуфта, онҳоро медиду завқ мекард. Ӯ бо омӯзиши паррандаҳои кишвари худ машғул аст. Ва ҳар боре, ки аз хона ба сафари саҳро ояд хӯсаи чанд паррандаҳоро сохта меоварад, то ки дар кабинети кории худ як осорхонаи табиат омода созад.

Аз ин рӯ фарзандони дилбандаш ҳам аз синни хурдсолӣ тавассути афсонаҳои ширини модар меҳр ба олами ҳайвонот ва билхусус ба паррандаҳои хушилҳони кишвар доштанд.

Дар давоми якчанд соли давутозҳо баҳри омӯхтани паррандаҳо дар дашту даман, водиву кӯҳ дафтар-дафтар навиштаҷот дошт, ки ҳар бегоҳ варақ зада, ба яке аз онҳо чизҳои нав омӯхтаи худро сабт мекард.

Дирӯз мақолае оиди пайдо гаштани мусичаи марҷонгул дар маҳаллаи «Сари Қамиш» навишта, барои чоп ба Душанбе ба кадом як маҷалла фиристода буд. Ноҳияе, ки Шаҳноза дар он зисту зиндагӣ дорад, табиаташ хеле аҷоибу дилкашест, ки паррандаҳо дар мавсими сол барои лонагузорию наслбарори меоянду фасли зимистон кӯч ба тарафи мамлакатҳои гарм мебананд. Дар ин маҳалли зист кӯчиши паррандаҳо дар ҳамон фасли сол мушоҳида карда мешуд.

Ҳама кӯчиши паррандаҳо сари вақт дар рӯзномаи Шаҳноза сабд карда мешуданд.

Ин бегоҳ баъди ба хоби ноз рафтани пайвандонаш чашмони Шаҳноза ҳам тез пӯшида гаштанду ба хоб рафт.

Субҳи босафо дамид. Шаҳноза мисли ҳарвақта аз нав нақшаи роҳхати ба сафар баромадани худро кашид ва барои мушоҳидаи паррандагони обӣ мавзеъҳои назди қамишзори соҳили дарёро интихоб намуд.

Барои сафари имрӯзааш ҳамроҳе кофт. Аммо касеро пайдо накард. Нафароне, ки мехостанд дар ин сафар бо ӯ ҳамроҳӣ намоянд, ҳама ба кори хеш банд буданд. Вай як оҳи сабук кашид: кай кори омӯзиши паррандаҳоро ба охир мерасонида бошад? Бо ин азобу давуғеҷ дар дашту кӯҳ кай ба мақсад мерасида бошад?

Ният дошт, ки оиди ҳар як намуди парранда китобе баҳри бачаҳо нависад, меҳру шафқати инсонҳоро, махсусан наврасонро баҳри муҳофизат ва афзун гардонидани ҳайвоноту паррандагони кишвар дучанд намояд. Овезаю шиорҳо омода месохт, то ба фаҳми мактабиён расонад, ки ҳар як мӯъҷизаи табиат ин доди худост ва бояд мо онро ҳифз намоем.

Фарзандонаш аз хоб бедор гаштанд, ки модар аллакай баҳри онҳо рӯи дастархон субҳона тайёр кардааст. Фарангису Миҷгона дасту рӯй ва дандон шуста, баъд ба сари дастархон омода нишастанд.

Миҷгона даст ба нон дароз карда гуфт:

-Модарҷон ман ба боғча рафта биёям, имшаб боз афсонаи «Бузаки ҷингилапо»-ро мегӯед-а?

-Эҳ, ту ҳафтафаҳм, як афсонаро чанд бор гӯянд?-пичинг карда кайфи сухани Миҷгонаро Фарангис дар як лаҳза парронд.

Миҷгона такрор ба такрор шунидани афсонаи «Бузаки ҷингилапо»-ро дӯст медошт.

-Не!-ҷавоб дод Фарангис.

-Ин бегоҳ модарҷонам барои мо дигар афсона мегӯянд. Ҳамту не гуфта Фарангис сӯи модар бо умед нигоҳ кард.

Албатта, азизонам, баҳри Шумо ин бегоҳ, ман сиҳату саломат аз лаби дарё баргардам, як афсонаи нағз «Лаклаки сафед»-ро мегӯям. -Вай ба фарзандонаш ваъда дод. Ба умеде, ки тезтар хӯрокашонро бихӯранд ва онҳоро ба богчаи бачагона гусел намояд.

Ҳамин тавр ҳам шуд, гулдухтарон хӯрокашонро хӯрда, ду донагӣ конфет гирифта, шодикунон ба боғча давиданд. Бо умеде, ки бегоҳ аз забони модар боз афсонае мешунаванд.

Шаҳноза баъди он ки фарзандонаш ба боғча рафтанд, тараддуди ба сафари корӣ баромадан кард. Дафтар, қалам, дурбин, китоби «Муайянкунандаи зоти ҳайвоноту парранда»-ро ба як халтаи қоғазин андохту ба дохили мошин гузошт.

Худаш ба сари рул нишаст ва оҳиста мошинро аз ҳавлӣ баровард. Имрӯз касе ҳамроҳӣ накард. «Ёрӣ шахси танҳо дар сафар худи Худост» гуфта бо нияти нек мошинро сӯи роҳи калони берун аз шаҳр ронд. Ин дам ба ёдаш расид: аз касе шунида буд, ки лаклакҳо аввал ба мавзеи «Сари Қамиш» парида меоянд. Ва баъд онҳо ба ҷои дилхоҳи худ рафта, лона мегузоранд. Моҳи март ба охир мерасид, кӯчиши паррандаҳо ҳам аз як манзил ба дигар манзил кам мегашт. Лаклак аз он гурӯҳи паррандаҳое буд, ки барои аз як манзил ба дигар манзил кӯч бастан аввали баҳор бармаҳал ҳаракат намекард. То мӯътадил гаштани обу ҳавои табиат лаклак сабр мекард. Шаҳноза ин пагоҳӣ ба сӯи мавзеи «Сари Қамиш» фармони мошинро гардонд... Вай дар роҳ паррандаҳои бисёре диду мошинро дошт, бавоситаи дурбин хеле дуру дароз онҳоро мушоҳида кард. ,Махсусан кабудзоғҳое, ки болои сими баркӣ дар симчӯбҳои қади роҳ менишастанд, диққати ӯро ба худ ҷалб намуд.

Аз роҳи мумфарш баъди чанд лаҳза мушоҳида кардан сӯи дарё равон гашт. Имрӯз, ки танҳо буд, чунон серкор шуд, ки ба паррандаҳои хурду калон мисли гунҷишку зоғу акка аҳамияте надод. Танҳо дар назди соҳил болои санги калон нишаста, ба бозии паррандагони обӣ зеҳн монда, тамошо кард, ки кадоме аз онҳо фасли зимистон ҳамин ҷо буд ва кадоме меҳмони имрӯза бошад.

Вай дурбинро дар паҳлӯяш оҳиста гузошт. Рӯз аз нисф гузашта бошад ҳам, ҳанӯз луқмаи нонро тановул накарда буд. Аниқтараш фикру хаёлаш бо паррандаҳо банд буданд, ки гуруснагиаш ҳам ба ёдаш нарасид. Танҳо кам-кам чой нӯшид. Ҳаво ҳам салқин буд, на сахт гурусна мемонду на ташна. Дар даст қаламу қоғаз рӯзро бегоҳ кард. Офтоби нурафшон оҳиста паси кӯҳ рафт ва Шаҳноза роҳи хонаашро пеш гирифт.

Аз имрӯза мушоҳидаи худ вай розӣ гашт. Намудҳои нави паррандаҳои аз ҷануб омадаро рӯйхат карда, ба дафтари мушоҳидааш бо навбат зикр кард, то ки дар хона тасвири онҳоро ба қалам диҳаду мақолае нависад.

Шаҳноза бегоҳ вақти ғуруби офтоб ба хона баргашт. Фарангису Миҷгона кайҳо аз боғча омада, рӯи ҳавлӣ бозикунон интизори модар буданд. Садои мошин баромад. Чун мошинаи Шаҳноза ба хона наздик шуд, Фарангис ва Миҷгона садои онро шунида, хушнудона сӯи дарвоза давиданд. Шаҳноза медонист, ки ҷигарбандонаш ӯро назди дарвоза интизоранд, вай мошинро оҳиста-оҳиста боздошт. Фарангису Миҷгона пешу қафо омада, назди дари мошин истоданд. Дар кушода шуду Шаҳноза худро берун гирифт, ки ҷигарбондонаш ба гардани ӯ ҳамоил гаштанд. Гӯё моҳу сол модари худро надида бошанд. Модар ҳардуро як-як бӯса карду боло бардошта, боз оҳиста ба замин монд. Хеле хаста буд, аммо дидори ҷигарбандонашро дида, худро бардам эҳсос кард. Кӯфтаи роҳ буд, дар як даст халтаи қоғазу қаламдонаш ва дасти ба дигар китфони духтаронаш монда, оҳиста ба хона даромад.

Шаҳноза дохили хона гашта аз даруни халта кабудзоғ, духтари суфӣ, сочи ҳиндуро гирифта, болои мизи кориаш, ки пур аз хӯсаи паррандаву дигар ҷонварон буд, назди мори боҳтур гузошт. Хуни паррандаҳо кайҳо шах шуда, бадани онҳо сард гашта буданд.

Фарангис гуфт: модарҷон ба ман чӣ овардед, аввал нишон диҳед. Миҷгона ба гапи апааш гӯш карда, мунтазири дидан дар паҳлӯяш рост истод.

Шаҳноза ҳолати гап задан надошт, он қадар хаста гашта буд, ки мехост, як лаҳза худро ба рӯи кӯрпа партояду ба хоби

фароғат равад. Барои ҳамин баъдтар бо шумо нишон медиҳам, гуфт хоҳиши онҳоро каме ба қафо партофт. фарзандонро ором кард, худаш барои дасту рӯй шустан назди лӯлаи об рафт. Каме назди об истода боз ба фикр фурӯ рафт. Паррандаҳое, ки ӯ имрӯз дошта ба даст гирифта, аз кадом зотҳо бошанд? Ба кадом гурӯҳи парранинтиқолӣ дохил мешаанд? Муқимӣ ё мавсимӣ?

Худ ба худ суол медод. Ҷои лонагузории баъзеи онҳоро нағз мушоҳида кард. Лаби ҷарҳо, болои шохи буттаҳо ё дарахтони қоматболо буданд. Аз шохчаву гиёҳҳои хушк лона сохта бо гил гирди онро суфта кардаанд. Созандагии паррандаҳоро дида ба чусту чолокиашон қоил гашт.

Кабудзоғ ҳар ҷо-ҳар ҷо дар болои сими барқи баланд шиддат, ки аз қади роҳҳо ва ё аз байни дашту даман мегузарад, баҳузур аз қувваи барқ натарсида менишинанд-табиат ба вай махсус ҷӯроб дар пояш пӯшонидааст, ки аз вай қувваи барқ намегузарад. Вай паррандаи мавсимӣ аст.

Дар аввали баҳор бо мақсади лонагузорӣ ва баровардани насл аз мамлакатҳои иқлимаш гарм парида меояд. Бозгашти онҳо аввали баҳор оғоз шуда, баъд дар фасли тирамоҳ боз ба манзили пешина бармегарданд. «Шояд дигар паррандаҳои ба даст овардаам ҳам чунин ҳолнома дошта бошанд», гуфта Шаҳноза ба дасту рӯй шустан даромад. Фарангис то омадани модар тоқат накарда ҳамроҳи Миҷгона ба ҳуҷраи кори модар ворид гашта, паррандаҳоро тамошо карданд.

-Ана, ин тиллорангашро ман мегирам, - зарғулдорро нишон дода гуфт Фарангис.

-Ана вай кабудчаи хушрӯчаашро ман мегирам, - гуфта кабудзоғро нишон дод Миҷгона.

Шаҳноза дасту рӯяшро пок карда, аз паи пухтани хӯроки шом гашт. Ӯ хаёл намуд, ки духтаронаш дар назди оинаи нилгун нишаста афсона тамошо мекунанд. Бинобарон бо дили пур даст ба пухтани хӯрок зад. Фарангису Миҷгона ҳанӯз ба тамошои паррандаҳое, ки ҷон надоштанду рӯи миз мехобиданду, ин тарафу он тараф гардонда медиданд, банд буданд.

Аз тамошои паррандаҳо дилгир шуд магар, ки Миҷгона назди модар омаду аз ӯ хоҳиши шунидани афсона кард.

-Ҳозир, азизам, хӯрок тайёр шавад, онро тановул кунем, шикаматон сер шавад, дасту поятонро шуста болои кати хобатон бароед. Ман ба шумо як афсонаи нағзакак «Рӯбоҳи ҳиллагар»-ро гафта медиҳам, - онҳоро таскин дода гуфт модар.

-Не, ба ман афсонаи «Рӯбоҳи ҳиллагар» маъқул нест, ба ман афсонаи «Мусича» ё «Бузаки ҷингилапо»-ро гуфта диҳед, -бо

забони нарму ширини кӯдакона таманно кард Миҷгона.

-Майлаш, ман ба ту афсонаи «Мусича»-ро мегӯям,-ҷавоб дод модар ва ҳар замон бо кафкир даруни дегро кофта, гапашро давом дод. -Медони, дар бораи мусича, ки ҷонвари безарари гӯлу гумроҳ аст,одамон чиҳоро набофтаанд?!. Ана, ин шеър дар бораи мусича, онро гӯям, ту аз ёд кун:

Мусичаи бегуноҳ
Болои сандалӣ баро
Аз думакат қайчӣ кунам
Аз нӯлакат муччӣ кунам.

-Модарҷон, мо ки дар ин хона сандалӣ надорем, мусича омада, дар хонаи мо болои чӣ менишинад?

-Ман аз нӯлакаш муччӣ мекунаму аз думакаш қайчӣ намекунам, чунки вай маро мегазад, -гуфт Миҷгона

-Мусича намегазад, тарсончак,-таъна зад Фарангис.

-Намебинӣ мусича ин қадар бисёр, дар рӯи ҳавлии масчид дидем, ки чӣ хел онҳо аз одамон натарсида, тохту тоз доштанд.

-Ин парранда ба мардум зиён надорад. Дар ҳар ҷои ба худ мувофиқ дар болои дару девори ҳавлии одамон аз гилу лою шохаҳои хушкшуда лона месозад. Гаҳе тухми онро мор ва ё акка ба яғмо мебарад. Мусича мисли кабӯтар дон мехӯрад. Вай ду ва ё се дона тухм мегузорад, ки болои онҳо доғ доранд. Мусича мисли кабӯтарон ба одамон тез унс мегирад. Ва ба инсон бовар дорад. Дар гирду атрофи одамон нотарсона дона чида мегардад, - шарҳ дод Шаҳноза. Ва ҳама сари дастархон баҳри хӯроки шом нишастанд.

Баъд вақти афсона расид.

-«Бузаки ҷингилапо»ро дишаб гуфтам, азизонам, акнун дигарашро мегӯям,- ваъдаи қатъӣ дод ба фарзандон.

-Имшаб кадом афсонаро мегӯед?!,- суол кард Миҷгона.

-Имшаб афсонаи «Кабки дарӣ»-ро мегӯям, нағз гӯш диҳед.

-Кабки дарӣ чӣ хел ҳайвон?!,-боз пурсид Миҷгона.

-Ҳайвон не, ин паррандаи хеле ҳам зебо, чунон овози форам дорад, ки аз шунидани он табъат болидаву вақтат хуш мегардад. Овозаш ба гӯши кас мефорад,- ба тарафи кабк нигариста гуфт Шаҳноза.

-Доманаҳои арчазорҳои мо макони ана ҳамин хел мурғони хушилҳон. Кабки хиромонро ҳама дӯст медорад. Баҳорон вақти хониши онҳо, шуморашон зиёд мегардад. Аз хониши баланди онҳо кӯҳу дара ба ларзиш медароянду дигар ҳама ҳайвонҳои

чангалӣ овози форами онҳоро шунида, ҳаловат мебаранд.

-Модарҷон, аввал худи афсонаи кабкро гӯед,- ба ҷону дили модар намонда, илтиҷо кард Миҷгона

Шаҳноза, ки фикру зикраш ба омӯзиши паррандаҳо банд буд, ба ёдаш ҳикояти «Лочин ва кабк» расид ва онро нақл кард. Фарангису Миҷгона бо диққат афсонаро гӯш карданд. Афсона ин тавр сар шуд:

-Буд набуд, дар домани кӯҳи азим як кабки хиромон зиндагӣ дошт вай баланд баланд хониш мекард. Овози кабкро лочине, ки дар ҳаво парвоз дошт, шунида маст гашт ва ин овозро хеле маъқул донист. Вай гӯш дода, аз сурудани кабк худ ба худ фикр мекард, ки ин кадом парранда бошад, ки ин қадар фораму дилнишин мехонад. Бо нияти шинос шудан бо ин парранда аз фазо ба пастӣ назди кабк фуромада нишаст. Кабк дид, ки лочин рост ба сӯи вай меояд, зуд аз тарс ба лонаи худ пинҳон шуд. Вай медонист, ки Лочин душмани қаттоли кабк аст

Лочин назди лонаи кабк омада, бо овози марғуладор фарёд кашид:

-Эй ҷонвари Худо, барои чӣ ту аз ман гурехтӣ? Ман бо ту шинос шудан мехоҳам. Овозат ба ман хеле маъқул шуд. Бовар кун, ки дар ин кишвар кайҳо ман ин хел овози форамро нашунидаам.

Кабк дар ҷавоб гуфт:

-Охир маро фиреб надеҳ, медонам, ки ту душмани қаттоли ман ҳастӣ!

Лочин гуфт:

-Ба ҳамаи ҷонварҳои дунё душман бошам ҳам, бо ин овози форамат бо ту то охири умр бародари ҷонӣ мешавам.

Кабк ба гапҳои лочин бовариаш намеомад ва баромадан ҳам намехост.

Лочин такрор ба такрор аз кабк илтиҷо карда гуфт, ки ман ғуломи овозат ҳастам, баҳри сӯҳбати мо як бор аз лонаат берун баро. Ин суханони лочин ба кабк форид. Кабк бо таманно аз лонааш баромад. Онҳо бо ҳамдигар хеле сӯҳбати нағз карданд. Кабк аз ин сӯҳбати гуворо тез ба доми лочин афтод:

Бо ҳамин сӯҳбат чанд лаҳза ҳарду дӯст шуданд.

Як бегоҳ лочин аз бисёр хӯрдани гӯшти муш бемор гашт ва ин беморӣ чанд рӯзи тӯлонӣ ӯро аз бистар хестан нагузошт. Ба лочин дигар мадори парвоз карда, шикор кардан намонд. Вай худ ба худ фикр карда гуфт: Доруи бemории ман гӯшти ҳамин кабк.

-Ба ғайр аз ҳамин кабкро хӯрдан дигар илоҷе надорам. Бояд ягон баҳонае пайдо кард, то ки кабки фарбеҳ тӯъмаи ман гардад.



Вай ҳар хел баҳона ҷуст. Дилаш ба хӯрдани кабк гум мезад. Шаб шуд, лочин бо дӯғу пӯписа ба кабк гуфт:

-Ту худат дар равшании офтоб кайфу сафо карда, дам мегирӣ! Чаро ба мани бемор наменигарӣ? Ҳама ҷоям дард мекунад охир.

Кабк аз ин дӯғи лочин ба тарс омада ҷавоб дод:

-Эй бародар, ту шояд саҳв карда бошӣ, ин шӯълаи гарми офтоб не, ин равшании моҳтоб аст.

Ҳар ду дар масъалае, ки ин рӯшноии офтоб ё моҳ аст, бо ҳам баҳс карданд. Ниҳоят кор бо часпочаспӣ расид.

-Ту маро фиреб медиҳӣ, ин рӯшноии офтоб,-гуфта лочин ба кабк дарафтод.

Кабк аз ин гирумонҳои лочин ва ҳуҷуми ногаҳонии он ба ташвиш омад. Он дам гапи модаркалонаш ба ёдаш расид, ки душман бо кас дӯст намешудаст. Ҳарчанд ки вай ҳангоми фарёд задани лочин аз лонааш набаромадааст. Имрӯз кабки бечора зери чанголи калони лочин қима мегардад. Лочин ҳам дигар бо як ҷусту чолокӣ якбора аз ҷояш ҷаҳида аз баёзи гардани кабки ҳилол сахт зер карда кушт. Баъд пату парҳои кабкро даста-даста канда партофт. Гӯшти болаззати онро тановул кард. Аз нав ҷонаш даромад. Аммо аз дӯсташ ҷудо гашт.

-Ана дидед, азизонам, ҳеҷ вақт душман ба кас дӯст намешудааст,- насиҳат дод ба фарзандон Шаҳноза.

-Имрӯз-ку дар арчазор будед, модарҷон, кабкҳоро тамошо кардед?!. Аз бари Шумо чӯҷаҳояш гузаштанд? Чаро баҳри мо аққалан дуто чӯҷакабк наовардед? – ба гап ҳамроҳ шуда пурсид Фарангис.

-Ҷони модар, кабки дарӣ дар доманакӯҳҳо, даруни дараҳои арчазор мешавад. Ман имрӯз фақат аз болои талу теппаҳо давидам. Ба қарибӣ ният дорам, ба тарафи кӯҳи арчазор равам. Он ҷо чӯҷаҳои кабк аз қафои очаашон саф кашида қаторак аз боло ба поён, аз кӯҳ барои обнӯшӣ лаби руду чашмаҳо мефуроянд. Он вақт дуто чӯҷаҳои хушрӯяшро гирифта, яктоашро ба Фарангис ва яктоашро ба Миҷгона медиҳам,-гуфта Шаҳноза табъи духтаронашро хуш кард. Ва ба онҳо мувофиқи ваъдааш афсонаи «Кабк ва рӯбоқ»-ро нақл карда дод. Фарангису Миҷгона ҳиллаву найрангҳои рӯбоҳро шунида, қаҳ-қаҳ хандиданд. Лек ба ҳоли кабки бечора раҳмашон омад. Ва хоҳиш карданд, ки модар баҳри онҳо қафас ва дуто кабки хиромон ёфта орад.

-Ман худам ба кабкҳо обу дон медиҳам, ба сурудаш гӯш меандозам, қафасашро тоза мекунам,-бо ҳаяҷону шодикунон гуфт Фарангис.



-Модарҷон, шумо ҳамон рӯбоҳи думдарози ҳилагарро ҳам дошта биёред, то мо қасди кабкро аз вай ситонем.

-Ман аз гулӯяш ресмон баста, сахт рӯй-рӯйи ҳавлӣ кашола мекунам. Агар худашро сад бор ба мурда андозад ҳам, кашола карда азобашро медиҳам, ки дигар ин рӯбоҳи нобакор кабки бечораро азоб надиҳад,-қатъӣ гуфт Миҷгона.

-Ту ин қадар ҷоҳил нестӣ. Ба ҳар ҳол ба ҳайвон раҳм кун,-дилсӯзона гуфт Фарангис.

Дар ин хонадон он бегоҳ танҳо гап сари кабки ҳилолу рӯбоҳи ҳилагар рафт.

Кайҳо шаб аз нисф гузашта бошад ҳам, ба чашмонашон хоб намеомаду ҳанӯз гапи рӯбоҳи ҳилагар ба охир намерасид. Ниҳоят Шаҳноза ваъда дод, ки баъди андак вақт онҳоро ҳамроҳаш гирифта, ба тамошои лонаи лаклакҳо мебарад. Баъди ин суханҳои модар гулдухтарон ба умеди саёҳати соҳили дарё зуд чашмонашонро пӯшиданд. Шаҳноза аз сари кати духтаронаш хеста, рост сӯи мизи кориаш омада, даст ба «Китоби сурхи Тоҷикистон» зад. Саҳифаи паррандаҳоро боз кард.

Чашмаш ба акси Лаклаки сафед, Ғози кӯҳӣ, Мурғи ҳумо, Уқобу Бургут, Лочину Шоҳин, Чилу Кабку ҳилол, Тазарву Мурғи туғдор, Досак, Шилмуш, Зоғи обӣ, Чархресак ва ғайраҳо афтод. Навиштаҷоти онро пурра хонда баромад. Афсӯс хӯрд, ки ҳамаи ин намуди паррандаҳо дар табиат камшуморанд ва ё рӯ ба таназзул мераванд. Агар аз паи муҳофизати онҳо камари ҳиммат набандем, шояд онҳо паррандаҳои нодир шаванд ва оҳиста-оҳиста нест шуда раванд.

Шаҳноза боз якчанд китобҳои дигарро варақ гардонид. Субҳ нақшаи сафари лаби дарё, соҳили баҳрро баҳри омӯхтани Лаклаки сафед кашид. Шаҳноза бо мақсади омӯзиши Лаклаки сафед лаби дарё ва маҳалҳои зисти онро ҷустуҷӯ карда, рафтору кирдорашонро муддате чанд омӯхтанӣ буд.

Ҳар бегоҳ Фарангис ва Миҷгона хабари нав ҷамъкардаи модарашонро оид ба Лаклаки сафед шунида, завқ мекарданд. Шаҳноза ба онҳо ваъда дод, ки натиҷаи мушоҳидаҳояшро нисбати Лаклаки сафед дар як китобча навишта, ба онҳо тӯҳфа мекунад. Ҳамвора аз қафои Лаклаки сафед мушоҳида бурд. Ҳар рӯз ба дафтар мушоҳидаашро қайд мекард. Сохтмони лона, овардани хӯрок, посбонӣ намудани лонааш, тарбияи чӯҷаҳояш ва ғайраҳоро Шаҳноза бо дурбинаш тамошо карда, ба завқи расою одати Лаклаки сафед қоил мегашт. Имрӯз вай ба мурoду мақсадаш расид. Чандин рӯзи мушоҳидааш барбод нарафтанд.

-Китобамро навишта ба, чоп месупорам,-бо табъи болида

гуфт Шаҳноза ба фарзандонаш.

Баъди сафари бобарори худ вай бо дили шоду умеди тоза ба фардо ба хонааш омад. Ин бегоҳ мушоҳидаи чандрӯзаи худро оиди парвози Лаклаки сафед ба итмом расонида, охирин ҷамъбасти онро як-як рӯи коғаз навишт. Баҳри омӯзиши Лаклак Шаҳноза чӣ қадар фосилаи роҳро тай кардааст, ки ҳисобаш набуд.

Вай рӯи коғаз фикри худро бо чунин мазмун навишт: Ба савқу заковат ва пухтакориву доноии Лаклаки Сафед қоил гаштам.

-Наход!-Лаклаки сафед мисли инсон ин қадари ақли расо, фикри солим дошта бошад. Ҳазорҳо фарсах роҳро тай карда меояду боз бо ҳамин роҳ кӯч баста, ба ватани аслии худ бармегардад.

Шаҳноза, ки имрӯз дар ҷустуҷӯи паррандаҳо гашта буд, хеле хаста метофт. Ин бегоҳ ба хона дер омад. Пояш аз мадор монда бошад ҳам, шукри Худо мегуфт, зеро вай ба муроду мақсадаш расид.

Вай Лаклаки сафедро дид. Ҳашари лаклакҳоро хуб тамошо кард. Устокорона онҳо лона месохтанд. Лонаро дар болои манораи зовути пахта, ки он ҷойи дастнорас аст ва аз соҳили дарё он қадар ҳам дар масофаи дур нест, месохтанд.

Ҳамин буд, ки ин бегоҳ аз шодӣ фараҳманд гашта, аз гулӯяш чизи хӯрданӣ ҳам нагузашт. Кӯдакони дӯстрӯяшро дида, завқ мебурд. Миҷгонаро рӯйи зону шинонида, даст ба мӯйи Фарангис зада, кокулонашро оҳиста сила карда гуфт:

-Меҳрубони сча, имрӯз ман Лаклаки сафедро дидам. Кайҳо боз роҳи онҳоро мепоидам. Лаклак паррандаи хеле бахосият, агар вайро бинед, тамоми мушкилоти Шумо зуд осон мешавад. Имшаб ман ба Шумо афсонаи аҷоиби Лаклаки сафедро гуфта медиҳам,-ваъда дод Шаҳноза.

-Модарҷон! Шумо кай ба хонаамон Лаклаки сафедро меоред? Ҳар рӯз ваъда медиҳеду як бор ҳам Лаклаки сафедро мо надидем,-киноямез пурсид Фарангис.

Фарангис ҳамон хӯсаҳои паррандаҳоеро, ки модараш дар ӯтоқи кориаш ҷамъ карда, рӯйи миз гузошта буд, ном ба ном мешинохт. Номи Лаклакро шунида буд, вале онро надида.

-Моро ҳамраҳи худ баред, мо ҳам лаклакро бинем,-илтиҷо мекард Миҷгона аз модар.

Аз қадду қомат, хӯроки лаклак,муҳити зист, кӯчиши онҳо, лонасозӣ, тартиби тоза нигоҳ доштани лонаи лаклак ба фарзандонаш Шаҳноза ҳар замон, агар гап дар бораи лаклак равад,-нақлҳои аҷоибе мекард. Ҳикояти вай оиди кӯчиши паррандаҳо ба онҳо хеле маъқул шуд. Бо гуфтани ҳикоят ва қиссаи дуру дарози



Лаклаки сафед Шаҳноза фарзандони худро билохир ором хобонид. Ва баъд дафтарҳои мушоҳидаашро пеши худ кушода, ҳар саҳифаи онро варақ зад. Аз рӯзи аввали Иди Наврӯз вай ба дафтараш пайдо гаштани лаклакро дар ин маҳал ба қайд гирифта буд. Аз манораҳои баланди дастнорас ҷои зисти худ интихоб намудани лаклакҳо ӯро ҳайрон мекард. Вай дигар ба варақзании дафтаронаш машғул нагашта, ба рӯи қоғази сафед ба навиштани хотираҳои худ оиди Лаклаки сафед ба чунин сатрҳо шурӯъ намуд.

Паррандаи зебои куртасафеди қоматбаланду пойдароз, ки шумо бештар онҳоро айёми баҳорон, ҳангоми парвоз дар осмон ва ё ҳангоми роҳаташон дар соҳили дарёҳо мебинед, лаклак ном доранд. Лаклакҳо одатан паррандаҳои бузургҳаҷманд. Нӯлашон ниҳоят тез буда, панҷаи қафояшон бошад, чандон инкишоф наёфтааст. Байни се панҷаи пеш бо пардаҳо пӯшида шудааст, ки ин ба аксари паррандаҳои оддӣ хос мебошад. Лаклакҳо мисли кабӯтару мусича ҷиғилдон надоранд. Парвози лаклакҳо хеле аҷиб аст. Онҳо бештар гардани худро ба пеш ёзонда парвоз мекунанд. Ин паррандаҳо қариб дар кулли кишварҳои дунё паҳн гаштаанд. Миқдори бисёри онҳо дар мамлакатҳои гарм зиндагӣ доранд.

Лаклаки сафед дар кишвари азизи мо бисёр вомехӯрад, аз ин лиҳоз дар назди худ вазифа гузоштам, ки бештар дар бораи ин намуд маълумот диҳам.

Лаклаки сафед ҳарчанд қаду қомати баланд дошта, дар назар воҳиманок тобад ҳам, ҳамагӣ 3,5-4 кило вазн дорад. Ранги парҳояш сафеду қаноташ ҷилодори сиёҳ мебошад. Лаклаки модина нисбат ба лаклаки нарина ҳаҷман хурд аст. Вале бо ранги худ онҳо фарқ намекунанд.

Зимистонро дар ҳудуди кишварҳои дури Африқо, Покистон, Ҳиндустон, Чин, Куриё ва қисми ҷанубии ҷазираҳои Ҷопон мегузаронанд. Парвози мавсимии Лаклаки сафед дар кишвари мо аввали баҳор-дар рӯзҳои иди Наврӯз сар мешавад. Парвози мавсимии лаклаки сафед ба шароити табиии ин ё он кишвар, яъне ба боришот, сардии ҳаво ва ғайра алоқаманд аст. Лаклаки сафеди нарина чун сардори оила бармаҳал ба ҷустуҷӯи манзил меафтад. Аз ин ҷост, ки вай аз модинааш муддате пеш ба ҷойи дур ба манзили нав меояд ва макони лонагузориашро интихоб мекунад. Лаклаки сафед дурпарвоз аст. Дар як шабонарӯз ба ҳисоби миёна 200 километр масофаро тай мекунад. Дар кишвари мо Лаклаки сафед танҳо дар самти ғарбӣ ва шимолии он вомехӯрад.

Лаклаки сафед чӯҷаҳои нозанини худро бисёр бармаҳал омодаи кор мекунад. Чӯҷаҳо аллакай дар синни сесолагӣ барои бино

кардани манзили хеш камар мебанданд ва ба гузоштани бунёди он, яъне «хишти аввали» лонаи хеш мепардозанд.

Лаклаки сафед эҳтиёткор ва мушоҳидагар аст. Вай доимо аз паи бехатарии худ ва аҳли оилааш мекӯшад. Вақте, ки лаклакҳо парвоз карда, ба манзили нав меоянд, аввалан ба ҷойҳои фурудашон эътибор медиҳанд. Гирду атрофи он манзил бояд ҳавзҳо, дарё ва ё обанбор дошта бошад. Зеро манбаи хӯроки онҳо ана ҳамин гуна ҷойҳоанд. Баъди интихоб кардани ҷой ба лонасозӣ мегузаранд. Бештар лонаҳоро дар болои боми биноҳои серошёна, шохи дарахтони азим, қалъаҳо, болои манораҳо мегузоранд.

Ҷои зист, агар барои ҷуфти лаклакҳо танг бошад, онҳо барои соҳиб шудан ба ин манзил байни худ ҷанг мекунанд ва танҳо ҷуфти ғолиб ба ин ҷой соҳиб мегардад. Лаклак барои худ лонаи хеле устувор месозад. Дарозии дохилии лона калон, қариб 1 метрро ташкил медиҳад. Онҳо аҳлона бо кӯмаки якдигар лонаро дар муддати як ҳафта бунёд мекунанд. Баъзан мешавад, ки онҳо дар назди лонаи худ пешайвон месозанд ва аз он ҷой истода дидбонӣ мекунанд.

Тухмгузории лаклакҳо мисли дигар паррандаҳо дар мавсими аввали баҳор сар мешавад. Одатан онҳо 2-5 тогӣ тухм мегузоранд. Ҳодисаҳое маълум аст, ки лаклак 1 дона низ тухм гузоштааст. Сабаби кам тухм гузоштани лаклак пеш аз ҳама ба таъмини хӯрок вобаста аст. Сониян,лаклакҳои ҷавоне, ки бори аввал насл медиҳанд, кам тухм мегузоранд. Тухми лаклак ранги сафеди ҷилодор дорад. Онҳо тухмашонро ҳар рӯз не, балки дар фосилаи 2 ё 3 рӯз якдонагӣ мегузоранд. Пас аз пайдо шудани тухми дуюум лаклакҳо бо ҳамдигар меҳрубонтар гашта, навбат ба навбат дар болои тухм нишаста, насли ояндаи худро афзоиш медиҳанд. Ба ҳамин тариқ, аҳли оила аз як моҳ зиёдтар болои тухм менишинанд ва билохира чӯҷаҳо аз тухм баромада, бо пат пӯшида мешаванд. Лаклакбачаҳо 54-55 рӯз гӯш ба волидони худ дода, даруни лона менишинанд. Илова бар ин боз 14-18 рӯзи дигар дар зери назорати волидони худ мегарданд.

Танҳо баъди 70 рӯз онҳо ба балоғат мерасанд, баъд мустақилона зиндагӣ мекунанд. Ҳангоми чӯҷа будан волидайн онҳоро бо тамоми ҳастӣ парвариш карда, аз паи обу дони онҳо мешаванд. Дар олами паррандаҳо табиат табибиро бевосита ба худи онҳо додаст. Далели ин гуфтаҳо ин аст: агар чӯҷае бемор шавад ё дарде сироят кунад, вале имконияти онро сиҳат кардан набошад, модари онҳо ҳатман чӯҷаи беморро аз лона гирифта, ба поён мепартояд, то ки бемории ин чӯҷа ба дигар чӯҷаҳо сироят накунад. Аз ҳама аҷибаш он аст, ки агар он чӯҷаро гирифта ба лонааш гузоред,

лаклак-модар чӯҷаи беморро аз нав гирифта ба поён мепартояд. Ҳамин тариқ, дигар чӯҷаҳои худро аз беморӣ эмин медорад.

Лаклакҳо пеш аз сафари дур села-села дар як ҷой ҷамъ мешаванд, сардорашон ба сафар омода будани онҳоро месанҷад. Агар ягон лаклаки бемору лоғар пайдо шавад, онҳоро ҳатман аз саф дур мекунад. Аз ин сабаб лаклакҳо ҳеҷ гоҳ дар байни худ ҳамҷинсони бемору лоғари худро нигоҳ намедоранд ва ниҳоят ба парвози мавсимии худ шурӯъ мекунанд. Парвози тирамоҳии онҳо аз охири моҳи август ва аввали сентябр сар мешавад. Лаклакҳо одатан рӯзона парвоз карда, шабона истироҳат мекунанд. Дар аввали баҳор назар ба фасли тирамоҳ дида, хеле чолоктаранд ва ба манзили интихобкардаи хеш ба зудӣ мерасанд. Ин аст, ки дар фасли тирамоҳ парвозашон назар ба баҳор тӯл мекашад. Лаклаки сафед асосан дар кишварҳои гарм зимистонро паси сар мекунанд. Бинобар он дар байни мардуми Машриқзамин лаклак паррандаи муқаддас аст, одамон аз зарар расонидан ба он худдорӣ мекунанд.

Лаклаки сафед дар интихоби ғизои худ он қадар инчиқ нест. Хӯроки он ҳархела буда, бештар аз олами ҳайвонот, ба монанди қурбоққа, калтакалос, моҳӣ, туқумшулуқ, мушҳои гуногун, юрмонҳо иборат мебошад. Харгӯш бошад, барои лаклак ҳамчун болаззаттарин ғизо ҳисоб меёбад. Баъзан ба паррандагони хурд ҳам ҳуҷум мекунад. Лаклакҳо пеш аз он ки сайди худро ба чангол гиранд, аз рӯи мақоли «Ҳафт бор чен куну як бор бур» амал мекунанд. Чашмони лаклак масофаи хеле дурро нағз мебинад. Онҳо ба тӯъмаҳои худ хеле хуб зеҳн монда, ба рафтору кирдори онҳо аз боло назорат мекунанд. Баъд нақшаи асир гирифтани онҳоро мекашанд. Баъди бовар ҳосил кардан бо як парвози тези худ сайдро ба даст медароранд.

Бо ҳамаи ин ташвишҳои зиндагӣ лаклак ҳамагӣ 20-21 сол умр мебинаду бас. Дар тӯли умри худ Лаклаки сафед зиеда аз 40 маротиба аз самти шимол ба ҷануб ва баҳорон аз самти ҷануб ба шимол садҳо километр масофа - боғу чаманзор, дашту даман, кӯҳу дарёҳо, талу теппаҳоро тай мекунад. Лаклакҳо табиатан озода буда, лонаи худро ҳамеша тоза нигоҳ медоранд. Аъзоёни оила дохили лонаро бо саргини худ ифлос наменамоянд. Аз ин рӯ, лаклак барои қазои ҳоҷат ҷойи махсусро, поёнтар аз лонаи худ месозад. Чӯҷаҳо аз ин рафтори волидайн сабақ мегиранд ва ин амали онҳо аз насл ба насл мегузарад. Изҳори умед мекунем, дӯстдорони табиат намегузоранд, ки паррандаи зебо Лаклаки сафед нестy нобуд шавад.

Набояд фаромӯш сохт, ки ниёгони мо гуфтаанд: «Ҳар касе, ки



Лаклаки сафедро мебинад, ба хонадони ӯ ҳатман бахту саодат ва комронӣ ворид мегардад»...

Шаҳноза ин навиштаҳояшро бори дигар аз назар гузаронд ва баъд онро як сӯ гузошт. Фарангису Миҷгона кайҳо дар хоби ноз буданд...

Ин дам садои Миҷгона баромад:

-Оча, оча! Ба ман афсонаи «Лаклаки сафед»-ро гӯед.

Вай ғарқи хоби ширин буд, аммо ба ёдаш гуфти модар расид, ки бо лаҳни ширин аз модар шунидани афсонаи «Лаклаки сафед»-ро таманно дошт. Бори дигар ҳамин суханҳояшро Миҷгона такрор кард:

-Оча, оча! Ба ман афсонаи «Лаклаки сафед»-ро гӯед,-гуфту дар ҷойгаҳ ба дигар тараф паҳлу гашт. Шаҳноза назди ҷойгаҳи Миҷгона омада оҳиста ба рӯяш нигоҳ кард. Дид, ки чашмони Миҷгона сахт пӯшида аст. Вай ба ҳайрат омад ва бовар ҳосил кард, ки фарзандаш дар хоби ширин орзуи шунидани афсона дошт. Шаҳноза сари Миҷгонаро оҳиста сила карда гуфт:

-Ҷони очаш, ин қадар ту дар ҳаваси шунидани афсони «Лаклаки сафед» бошӣ, фардо навбати гуфтани ҳамин афсона расид, ҳатман онро мегӯям,-гуфт модар...

Рӯзи дигар Шаҳноза ба ваъдааш вафо кард. Вай нарезондаю начакконда афсонаи «Лаклаки сафед»-ро нақл кард. Фарангису Миҷгона пас аз шунидани афсонаи «Лаклаки сафед» ба модарашон ташаккури зиёде гуфтанду худро боз ба оғӯши модар партофта, завқ аз шунидани афсона карданд. Онҳо ба хоби ноз рафтанд. Шаҳноза зери лаб суруди алларо зам зама кард.

-Ба шумо хоби ширин орзумандам, фариштаҳои бегуноҳи ман,-гуфту Шаҳноза аз паи варақ задани китобҳо гашт, ки дар яке аз он расми калони Лаклаки сафед акс ёфта буд.

1345